«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади
илмҳои иқтисодӣ, дотсент
__________ Абдуалимзода Ҳ.А.
«__13__» ____01____ 2025 сол

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Нодирзода Нозимҷон Мансур дар мавзуи «Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: масоили иҷро ва адои он», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ(илмҳои ҳуқуқшиносӣ).**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Нодирзода Нозимҷон Мансур таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуҳои мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ «Корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: масоили иҷро ва адои он» бахшида шуда, муҳтавои он ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди муаммоҳои илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Саҳми шахсии муаллиф бо иштироки бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, интишороти ӯ, исбот карда мешаванд. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ - амалии сатҳашон ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми

шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Қобили тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба падидаи баррасишаванда мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон, андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ метавонанд саҳми назаррасеро гузоранд. Ба назари муаллифи рисола, масъалаи баррасишаванда дар заминаи асосҳои бунёдии ҳуқуқӣ, ки дар он меъёрҳои кодекси ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии амаликунандаи кишвар аҳаммияти аввалиндараҷа доранд. Аз ин рӯ, рисоланавис дар интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба иштибоҳ роҳ надода, балки мавзуи интихобнамудаи ӯ саривақтӣ ва мубрам мебошад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Навгонии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи илмии мазкур нахустин тадқиқоти муназзам ва ҳамаҷониба вобаста ба рушди қонунгузории миллӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои иштирокчии ИДМ, омӯзиши маълумоти омории ҷазои корҳои ислоҳӣ ва таҷрибаи судӣ вобаста ба мавзуи корҳои ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷинотӣ мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, мавзуи интихобшуда, усули таъин ва иҷрои ҷазои корҳои ислоҳӣ навгонии ҷиддӣ дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятии кишвар маҳсуб мегардад. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода мегардад, ки аз ҷониби муаллиф дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин пажӯҳиши мукаммал, ҳаматарафа, сохторӣ, пуррагӣ, таҳлили муқоисавии ҷазои корҳои ислоҳӣ мувофиқи қонунгузории ҷиноятии ҶТ ва давлатҳои пасошуравӣ пешбинишуда ба шумор меравад.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои каблӣ метавон чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро ишора намуд:

– Дар нуктаи дуюми пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ равона гардидаанд, муаллиф андеша дорад, ки ҳолатҳои вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ ё амнияти ҷамъиятӣ, ки боиси ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан гардидааст, ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад, агар ҳамчун вайрон кардани тартиб ва шартҳои адои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ эътироф шуда (КИҶ Украина), дар қ. 1 м. 47 КИҶҶ ҶТ муқаррар шавад

– Дар нуктаи шашуми пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ равона гардидаанд, муаллиф андеша дорад, ки танзими меъёрии амалӣ намудани назорат аз болои маҳкумшуда ба корҳои ислоҳӣ дар якҷоягӣ бо кормандони шуъбаи корҳои дохилӣ зарур мебошад. Бинобар ин, пешниҳод мешавад, м. 41 КИҶҶ ҶТ бо ибораи «...дар мусоидат бо мақомоти корҳои дохилӣ рафтори маҳкумшудагонро дар маҳалли истиқомат назорат менамояд...» пурра карда шавад.

– Дар нуктаи даҳуми пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ равона гардидаанд, муаллиф андеша дорад, ки ба қ. 7 м. 45 КИҶҶ ҶТ бо мазмуни зайл ворид карда шавад «Дар сурати вазнин гардидани шароити моддии маҳкумшуда ё рафтори шоиста, нозироти корҳои ислоҳӣ ҳуқуқ дорад ба суд дар бораи кам кардани андозаи нигоҳ доштани музди меҳнати маҳкумшуда муроҷиат намояд».

Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар шакли нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳои илмӣ манзур гардидаанд, аз навгонӣ ва сатҳи амиқи таҳқиқот далолат медиҳанд, ки баҳри рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати санадҳои қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ назаррас мебошанд.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд,

муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медихад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Хулоса ва пешниходҳо оид ба диссертатсия бешубҳа арзиши илмӣ дошта, муаллиф мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ба таври комплексӣ бо дарназардошти вазъи имрӯзаи рушди низоми қонунгузории ҷумҳурӣ, дар доираи манфиатҳои миллӣ ва рушди фаъолияти қонунгузории касбӣ баррасӣ намудааст. Ҷамъбаст, таҳлил ва дарки нави назариявии масъалаҳои проблемавии дар рисола баррасишуда арзиши назариявии тадқиқотро муайян мекунанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявӣ ва амалии мафҳумҳои ба мавзуи мазкур дахлдошта, тавзеҳ дода шаванд ва дар такмили раванди қонунгузории касбӣ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ истифода гарданд. Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада нишон медиҳанд, ки онҳо вокеан камбудиҳои дар ин соҳа дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мавҷудбударо пур менамоянд. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада низоми донишҳои мавҷударо ба масоили иҷро ва адои ҷазои корҳо ислоҳӣ ҳамчун намуди ҷазо густариш медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд ва онҳоро ба таври зайл метавон иброз намуд:

1. Дар таҳқиқот танҳо омори таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ нишон дода шудааст(саҳ.6). Вале ба андешаи мо агар муаллиф омори таъини ҷазоҳои дигар, ба монанди корҳои ҳатмӣ, ҷарима ва маҳрум сохтан аз озодиро низ таҳлил менамуд, ин барои равшан намудани тамоюли таъини ҷазо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар мувофиқ мебуд. Зеро аз омори

овардашуда маълум нест, ки ҳиссаи ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ вобастанабуда дар таҷрибаи судӣ чи гуна аст.

2. Муаллиф дар зербоби 1.1. Боби 1. Инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷазо дар намуди корҳои ислоҳиро таҳлил намудааст(саҳ.19-46). Вале таҳқиқи таърихи инкишофи ҷазои корҳои ислоҳӣ бе даврабандии мушаххаси он анҷом дода шудааст, ки ин омӯзиш ва дарки хусусиятҳои алоҳидаи ҷазои мазкурро дар даврахои гуногуни таърихӣ мушкил мегардонад.

3. Дар пешниҳоди панҷум(пешниҳодҳое, ки хусусияти назариявӣ доранд) муаллиф мавқеи қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистонро дар бораи он ки маблағҳои нигоҳдошта шуда ҳангоми корҳои ислоҳӣ на ба фоидаи давлат, балки ба Фонди ҷуброни зарари ба ҷабрдида расонидашуда гузаронида мешаванд, тарафдорӣ намуда, пешниҳод менамояд, ки меъёри ба ин монанд ба КҶ ва КИҶҶ ҶТ вобаста ба корҳои ислоҳӣ ворид карда шавад, чунки дар натиҷаи содир намудани ҷиноятҳое, ки барои онҳо дар санксияи моддаҳои Қисми махсуси КҶ имконияти таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ муқаррар шудааст, зарар дар бештар ҳолатҳо на фақат, ба манфиатҳои давлат, балки ба манфиатҳои шахсони алоҳида ва ташкилотҳо расонида мешавад”. Албатта бо чунин пешниҳод розӣ будан мушкил аст, зеро ҷазо ин чораи маҷбурсозии давлатӣ буда, маблағҳои нигоҳдошташаванда танҳо ба фоида давлат гузаронида мешавад. Пардохт намудани зарари дар натиҷаи содир намудани ҷиноят расонида шуда бошад, ба мазмуни ҷазо дохил набуда, он ба таври алоҳида ҷуброн мегардад.

Аммо, эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод

шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медихад. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумхуриявӣ ва байналмилалӣ пешниходҳо ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ гардидааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаи илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон бахшида шудаанд. Аз ин теъдоди асарҳои илмӣ, 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷу баён шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дарадаҷои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Автореферат бо муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ оварда шудаанд, махсусан мазмуну моҳияти муқаддима, бобҳо ва зербобҳои таҳқиқот оварда шудааст.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавои диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавоии диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Нодирзода Нозимҷон Мансур ба талаботи бандҳои 31, 33-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267(бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат мекӯнад. Диссертатсия мустақилона аз ҷониби муаллиф таҳия шуда, мазмуни ягонаи дохилӣ ва мантиқӣ дорад. Навгониҳои таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя

пешниҳодшаванда, таҳлили илмии қонунгузорӣ, пешниҳоди хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, пешниҳоди маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд.

Ҳамин тариқ, рисолаи илмии Нодирзода Нозимҷон Мансур барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мутобиқ мебошад.

Тақриз дар асоси талаботи муқарраргардида, махсусан бандҳои 76-79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267(бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст. Диссертасия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ назариявии назди кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, муҳокима ва баррасӣ шуд. Дар семинари илмӣ-назариявӣ иштирок доштанд: 13 нафар. Тарафдор – 13 нафар, зид – 0 нафар ва бетараф – 0 нафар. Суратҷаласаи семинари илмӣ-назариявӣ таҳти №5 аз 06-уми январи соли 2025,

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Ғафорова Ш.А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар асоси талаботи бандҳои 76-79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267(бо тағйиру илова аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, омода карда шуда, он дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Суратҷаласаи кафедра аз 8-уми январи соли 2024, таҳти №6. Дар ҷаласаи

кафедра аз 15 нафар иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
Мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ
ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобозода Ҷ.Қ

**Ташхисгар:**
Муаллими калони кафедраи
ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва
зиддикоррупсионии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ғафорова Ш.А.

**Котиби ҷаласа:**
Муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Ҳомидов Р.А.

Имзои Бобозода Ҷ.Қ., Ғафорова Ш.А.
ва котиби ҷаласа Ҳомидов Р.А.-ро
тасдиқ менамоям: Сардори ШК ва КМ-и
ДДМИТ Мирчамолов М.А.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/1 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Телефон: +992 (37) 231- 02-01. E-mail: tgfeu@tgfeu.tj.

«09» 01 2025 с.